“Тасдиқ мекунам”
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” профессор
Усмонзода Аюб Ислом
_______________
“___” _______ соли 2022

# ХУЛОСАИ
## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»

Диссертатсияи унвонҷӯ Носирова Машҳура Негматовна таҳти унвони «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба иҷро расонида шудааст.

Диссертатсия дар давоми 4 сол аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) коркард шудааст.

Носирова М.Н. соли 2000 ба факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дохил шуда, соли 2005 онро бо дипломи аъло хатм намудааст. Шахси фаъолу бомасъулият буда, дорои сертификатҳо ва сипосномаҳо мебошад. Айни ҳол оиладор, соҳиби 3 фарзанд мебошад.

Соли 2018 Азизов Абдулатиф Абдуҳалимович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими они факултети санъати тасвирӣ ва технология ба сифати роҳбари илмӣ таъин гардид ва онҳо бо диссертант дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти илмиро оғоз кардаанд.

Соли ҷорӣ муҳокимаи пешакии унвонҷӯ Носирова М.Н. дар кафедраи болозикршуда бо иштироки докторону номзадони илм ва 11 нафар аспирантон баргузор гашт. Дар баромад китоби дарсии banашрбаромадаи муаллиф бо номи “Касбинтихобкунӣ” низ пешкаши ҳамагон гашт.

Вобаста ба натиҷаи муҳокимаи пешакии унвонҷӯ Носирова М.Н. чунин хулосабарорӣ карда шуд:

Аҳамияти мавзӯи диссертатсия равандҳои соҳаи маорифро дарбар мегирад, ки ҷузъи асосӣ ва пойгоҳии он муассисаи таълимии миёнаи умумӣ ба шумор меравад. Сатҳи инкишофи таҳсилот муҳимтарин омили иҷтимоие мебошад, ки нишондиҳандаи возеҳу равшани вазъи умумии давлату ҷамъият ва дигаргунсозиҳои демократӣ маҳсуб мегардад. Таҷрибаи ҷаҳони муосир собит месозад, ки ҳалли самарабахши масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ танҳо дар мавриде имконпазир мебошад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф пойгоҳи боэътимоди илмӣ дошта бошад.

Кори илмӣ аз тарафи диссертант Носирова М.Н. дар натиҷаи омӯзиши мустақилона ва таҳлили асарҳои педагогиву методӣ ва мавриди таҳқиқ қарор додану ҷамъбаст намудани таҷрибаҳои педагогии муассисаҳои олӣ омода карда шудааст.

Ҳадафи таҳқиқот ҳалли чунин ихтилоф мебошад: аз як тараф, талабот барои муайян намудани асосҳои назариявӣ ва роҳҳои амалии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) оид ба корҳои касбинтихобкунӣ ба вуҷуд омадааст, аз тарафи дигар - нокифоя будани коркарди илмии масъалаи мазкур. Объекти таҳқиқот - омодагии касбии омӯзгорони оянда дар раванди таҳсилоти муассисаи олии таълимӣ аст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дар он мундариҷаи ҳадафҳои таҳсилот ошкор гардид, ки ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаро ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ таъйин мекунанд; чашмандоз ва омӯзиши таърихи пайдоишу инкишофи ҳунармандӣ ва зуҳури касбҳои халқи тоҷик ва халқҳои дигари Осиёи Миёна аз сохти ҷомеаи ибтидоӣ то рӯзҳои мо амалӣ гардид; тавзеҳи мафҳуми "ташкили корҳои касбинтихобкунӣ" барои омӯзгорони фаннии фаъолияткунанда ва донишҷӯён - омӯзгорони оянда пешниҳод шуд, ки қисми таркибии ташкили муназзами шахсиятӣ-касбӣ буда, барои ташаккули нақши фаъолонаи хонандагон дар худмуайянкунии касбӣ нигаронида шудааст ва аз ҷузъҳои ангезишӣ (мотиватсионӣ), когнитивӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ, баҳодиҳанда иборат аст; амсилаи коркард ва озмудашудаи ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда оид ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ ва макотиби олии педагогӣ ба дидгоҳҳои шахсиятӣ-фаъолиятӣ ва салоҳиятнокӣ асос ёфта, имкон медиҳад, ки сатҳи самаранокии омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбинтихобкунӣ баланд бардошта шавад; методикаи ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони оянда, ки аз ҷониби диссертант коркард шуд, барои инкишофи муносибати ангезишӣ - арзишпазирона ба фаъолияти ояндаи корҳои касбинтихобкунӣ мусоидат

намуда, сатҳи дониш, маҳорату малакаҳои касбинтихобкунии онҳоро баландтар менамояд; таҷрибаи фаъолияти корҳои касбинтихобкуниро афзун карда, инкишофи рефлексия ва худбаҳодиҳиро таҳрик мебахшад; мундариҷаи ҳадафҳои тарбиявӣ муайян карда шуд, ки дар ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ амалӣ мегардад; методҳои асосии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи фаннӣ ифода ёфтанд; сифатҳои шахсиятие ба назар гирифта шуданд, ки ба ташкили корҳои касбинтихобкунии омӯзгорониояндаи фаннӣ таъсир мерасонанд.

Арзиши назариявии таҳқиқот аз ошкор намудани омилҳои баланд бардоштани сатҳи самаранокии ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда дар ташкили корҳои касбинтихобкунӣ иборат аст: нигаронида шудани раванди таҳсилот барои азхудкунии фаъолона ва асоснокии низоми донишу малакаҳои корҳои касбинтихобкунӣ аз ҷониби донишҷӯён; ворид намудани ҷанбаҳои корҳои касбинтихобкунӣ ба омодагии умумигуманитарӣ ва умумикасбии омӯзгорони фаннӣ; ба мундариҷаи таълимӣ дохил кардани китоби дарсии муаллифи диссертатсия таҳти унвони «Касбинтихобкунӣ»; дар раванди таҳсил истифода бурдани технологияҳои бозиҳои интерактивӣ, ки ба рушди сифатҳои шахсиятӣ-касбии омӯзгорони оянда мусоидат мекунанд; ташвиқ намудани омӯзгорони оянда ба худомӯзӣ ва худинкишофдиҳии муттасил; интихоби методикаҳои ташхис барои сатҳи ташаккулёбии салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки китоби дарсии «Касбинтихобкунӣ» коркард шуда, дар амалияи раванди таълими макотиби олӣ ҷорӣ гардид; шаклҳо ва методҳои фаъолияти касбинтихобкунии педагогҳо коркард шуданд: бозиҳои корӣ, маҷмӯи масъалаҳо, вазъияти худмуайянкунии шахсӣ ва касбинтихобкунӣ ва ғ.; методикаҳои ташхис барои таҳқиқи сатҳи ташаккулёбии салоҳиятнокии омӯзгорониояндаи технология, «Тест-пурсишнома барои муайян намудани сатҳи худбаҳодиҳӣ», «Пурсишномаи худмуайянкунӣ» интихоб гардиданд; маводи дар рафти таҳқиқот коркардшуда (барномаи курси «Касбинтихобкунӣ», методикаи муайянкунии сатҳҳои ташаккулёбии салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ, супоришҳои тестӣ оид ба санҷиши донишҳои корҳои касбинтихобкунӣ ва ғ.) метавонанд дар омодагии педагогҳо дар макотиби олӣ, донишкадаҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, нуқтаҳои машваратии корҳои касбинтихобкунӣ, марказҳои шуғли аҳолӣ истифода бурда шаванд.

## ИНТИШОРОТИ АСОСИИ ТАҲҚИҚИ ДИССЕРТАТСИОНӢ ДАР МАҚОЛАҲОИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААСТ:

1. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия чопшуда:**

**[1-М].** Формирование профессиональной ориентации подрастающего поколения. / **М.Н. Насырова**, М.Д. Мирзоходжаев // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) №8, Душанбе 2018. - С. 223-226.

**[2-М].** Профессиональное самоопределение школьников и пути его развития в современных условиях. / **М.Н. Насырова,** М.Ф. Камолова, А.А. Азизов // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) №8, Душанбе 2018. - С. 178-181.

**[3-М].** Знание студентов о профессиональном самоопределении школьников и пути его развития в современных условиях. / **М.Н. Насырова,** М.Ф Камолова, А.А. Азизов // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) №3, Душанбе 2019. - С. 219-222.

**[4-М].** Исследование профессиональной направленности личности в целях профориентации. **/М.Н. Насырова** // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) №4, Душанбе 2019. - С. 299-303.

**[5-М].** Современные педагогические средства в формировании профориентационной компетентности будущих учителей (трудовое обучение) / **М.Н. Носирова,** М.А. Дадобоева, А.А. Азизов // Научный журнал «Учёные записки». Серия гуманитарно-общественных наук №2 (63),- Худжанд 2020. - С. 143-148.

**[6-М].** Проблемы профориентационной работы и профессионального самоопределения школьников в современных условиях. / **М.Н. Носирова** // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) №1, Душанбе 2022. - С. 160-165.

ll. **Мақолаҳои илмие, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

**[7-М].** Краткий обзор выбора профессии в «Кабусname» Унсурамаолии Кайкавуса / **М.Н. Насырова,** М.Д. Мирзоходжаев // Сборник научных статей "Современная наука: теоретический и практический взгляд». (РИНЦ) Москва 2018. - С. 49-54.

**[8-М].** Исследовательская работа професиональной направленности личности в целях профориентации / **М.Н. Насырова,** А.А. Азизов, М.Д. Мирзоходжаев // Материалы международной научно-практической конференции "Повышение конкурентоспособности национальной экономики Республики Таджикистан в условиях глобализации"

посвещенной 30-летию государственной независимости Республики Таджикистан. Худжанд 2019. - С. 320-322.

**III. Китобҳои дарсӣ, нишондоди методӣ**

**[9-М].** Касбинтихобкунӣ / А.А. Азизов, М.А. Дадобоева, **М.Н. Носирова** // Китоби дарсӣ. Нашриёти "Нури маърифат". Хуҷанд 2020. - 292 с.

**IV. Мақолаҳои илмӣ:**

**[10-М].** О некоторых подходах к профессиональной подготовке студентов к профориентационной работе с младшими школьниками / **М.Н. Носырова,** А.А. Азизов // Маводи конфронс бахшида ба 65-солагии доктори илмҳои педагогӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Россия, профессори Фахрии Донишгоҳи Қазоқистони Ҷанубӣ (ш. Чимкент), Аълочии маорифи ҶТ, профессор Шаропов Ш.А. – Хуҷанд, 2019. - С.310-314.

**[11-М].** Ташаккули корҳои касбинтихобкунии насли наврас / **М.Н. Носирова** // Маҷмӯи мақолаҳои конфронси апрелии устодон ва донишҷӯёни ДИС-ДДТТ. – Хуҷанд, 2019.- С.222-224

**[12-М].** Ознакомление студентов с принципами профориентационной работы / **М.Н. Насырова,** М.А. Дадобоева // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши ҳунарҳои мардумӣ дар рушд ва пойдории фарҳанги миллӣ». - Душанбе 2019. - С.322-326.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи номбурдашуда ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мутобиқат менамояд.

## ҚАРОР ҚАБУЛ ШУД:

1. Диссертатсияи Носирова М.Н. дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз нигоҳи мазмун ва мӯҳтаво муҳим арзёбӣ гардида, ба меъёр ва талаботи Низомномаи тартиб додани дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Носирова М.Н. дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) пешниҳод карда мешавад.

Хулоса аз тарафи дотсент, номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедра Элмуродова Садбарг Худойназаровна тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи

давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 21 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо "тарафдор" 21 нафар, "бетараф " 0 нафар мебошанд. Он дар суратмаҷлиси №3 аз санаи 12 октябри соли 2022 нақш бастааст.

Н.и.п., дотсент, мудири кафедраи
педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Элмуродова С.Х.

Котиби ҷаласаи кафедраи
педагогикаи иҷтимоӣ ва касбӣ Ғафорова С.П.

"Имзои Элмуродова С.Х. ва
Ҳошимова Г.Г.-ро тасдиқ мекунам"
Мудири РК ва КМ-и МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Наврӯзов Э.М.

*Маълумот барои тамос:*
*Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков -1*